«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.
________________________
«10» 05 соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович** соли 2012 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2013 то соли 2017 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии муассисаи мазкур ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Айни замон ба ҳайси мудири бахши нақди адабӣ ва адабиётшиносии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21.05.2013, қарори №7 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович 6-уми марти соли 2024, № 33 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Адабиёти нимаи дуюми асри XX аз марҳалаҳои муҳимми адабиёти давраи нави тоҷик маҳсуб ёфта, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, доираҳои адабию фарҳангӣ ва шаклу анвои адабӣ таҳаввулот ва дигаргуниҳои чашмрас ба амал омадаанд. Яке аз чунин таҳаввулоти чашмгири адабиёти асри гузашта дар нимаи солҳои 60-70-ум сурат гирифта, чунин падидаи адабӣ ба номи адибони ҷавони ин давра ва осори онҳо алоқамандии қавӣ дорад, ки дар он радиф Ғоиб Сафарзода низ саҳми бориз дорад. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи ҳамаҷонибаи чунин дигаргуниҳо яке аз вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад. Бо назардошти ин матлаб Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович марҳилаҳои таҳаввули шеъри тоҷикро аз назари ҳунарӣ ва сохторӣ мавриди пажӯҳиши монографӣ ва ҷомеъ қарор дода, дар ин замина мақоми Ғоиб Сафарзодаро дар адабиёти солҳои 60-70 муайян намудааст. Ба андешаи ӯ,«интихоби мавзуи таҳқиқ, ки шомили баррасиҳои абъоди гуногуни ашъори ӯ, аз ҷумла вижагиҳои ҳунарӣ, навоварӣ дар суннат ва сохторшиканӣ дар шеър ва рӯй овардан ба қолабҳои нави адабӣ ва ғайра таҳқиқи ашъори Ғоиб Сафарзодаро ҷамъбаст мекунад».

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳо он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» , ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020,

№503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти ҷаҳон, адабиёти халқҳои ИДМ, робиташиносӣ ва таърихи тарҷума метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани шеъри солҳои 60-70-ро **мақсади аслии таҳқиқ** қарор дода, дар партави он нақши Ғоиб Сафарзодаро нишон додааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

– баррасии навоварӣ дар суннат ва муайян намудани раванди навгароӣ дар шеъри солҳои 60-70-уми асри XX;

– таҳқиқи дигаргуниҳои сохторӣ дар шеъри суннатӣ ва заминагузорӣ барои шакл гирифтани арузи озод дар шеъри тоҷик;

– мушаххас намудани ҷусторҳои ҳунарию адабӣ дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода;

– ташаккули шахсияти адабии Ғоиб Сафарзода;

– густариши анвои шеъри суннатӣ ва шеъри нав дар эҷодиёти шоир;

– хусусиятҳои ғоявии шеъри Ғоиб Сафарзода;

– таъйини мақоми Ғоиб Сафарзода дар шеъри солҳои 60-70.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** маҷмӯаҳои шеърии Ғоиб Сафарзода аз қабили «Корвони орзу» (1969), «Ошёни офтоб» (1973), «Мероси ҷавонӣ» (1978), «Ҷавонӣ» (1986), «Мунтахабот» (иборат аз ду ҷилд 2003-2011), маҷмуаҳои алоҳидаи ашъори шоирони тоҷик аз оғози садаи XX то солҳои 70-ум ва баъд аз он, ёддошту хотираҳои адибон ва амсоли ин мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Дар раванди баррасии баҳсҳои аслию фаръии рисола ҳамчунин нақши шеъри шоирони русу Аврупо ва Эрон дар шаклгирӣ ва таҳаввули шеъри тоҷик дар солҳои 60-70-ум ва ҷанбаҳои ҳунарии он дар ойинаи ашъори шоирони тоҷик, аз ҷумла шеъри Ғоиб Сафарзода, баррасӣ гардидааст.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмии адабиётшиносону шарқшиносони ватанию хориҷӣ ва осори пажӯҳишии марбут ба шинохти шеъри солҳои 60-70 самаранок истифода намудааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили Ш. Ҳусейнзода, А. Маниёзов, Н. Маъсумӣ, Х. Мирзозода, Б. Сирус, Ю. Бобоев, М. Шукуров, Р. Мусулмонқулов, Р. Ҳодизода, Х. Отахонова, С. Табаров, Р. Амонов, В. Асрорӣ, С. Давронов, Х. Шарифов, А. Сатторов, Х. Асозода, А. Сайфуллоев, Ю. Акбаров, А. Абдуманнонов, М. Имомзода, Ҷ. Ҳамроев, А. Ҳакимов, А. Давронов, Ш. Ёдгорӣ, Ш. Раҳмонов, М. Мирзоюнус, Р. Ваҳҳоб, М. Маҳмудзода, С. Аъзамзод, Н. Нурзод, С. Ҳакимова (Тоҷикистон), И. Бечка (Чехословакия), Е.Э. Бертелс, И.С. Брагиниский, В.В. Белинский, А.В. Луначарский (Русия), П. Хонларӣ, Ж. Бадеъ, Н. Нодирпур, Ш. Кадканӣ, М. Гарморудӣ, М. Ёҳақӣ, А. Шеърдӯст, А. Қазва, (Эрон), С. Накҳат, М. Меҳрдод (Афғонистон) ва дигарон ва дигарон ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки диссертатсияи мавриди назар аввалин пажӯҳиши мукаммал ва бонизом дар шинохти шеъри солҳои 60-70 ва вижагиҳои ашъори ғоиб Сафарзода мебошад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал ашъори шоирро бо таваҷҷуҳ ба ҷусторҳои ҳунарӣ ва равишҳои эҷодии ӯ ба таҳқиқ фаро гирифтааст. Ҳамчунин, дар ин рисола нахустин бор мухтассоти арзишҳои ҳунарӣ ва шоиронагиҳои шеъри муосири тоҷик дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода таҳқиқ шудаанд.

Диссертатсияи номзадии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои

муаллиф ҷанбаҳои назарии омӯзиши шеъри даврони шуравӣ ва махсусан ашъори Ғоиб Сафарзодаро пурратар гардонида, дар таъйини арзишҳои ҳунарию адабӣ, зебоишинохтӣ ва дигар вижагиҳои эҷодиёти ӯ метавонад ҳамчун маводи назарӣ хидмат намояд.

Меъёрҳое, ки дар рисола барои шинохти навоварӣ дар суннат, дигаргуниҳои сохторӣ дар шеъри суннатӣ, шаклгирии арузи озод дар шеъри тоҷик, ҷусторҳои ҳунарию адабӣ, хусусиятҳои сохторӣ ва ҳунарии шеъри Ғоиб Сафарзода истифода шудаанд, барои маърифати комили на танҳо осори ӯ, балки осори манзуми дигар чеҳраҳои адабӣ низ ёрӣ расонида метавонад.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро барои навиштани мақолот ва таълифоту таҳқиқотҳои илмӣ дар пажӯҳиши паҳлуҳои омӯхтанашудаи шеъри нимаи дувуми асри XX, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба шеъри муосир, махсусан ашъори Ғоиб Сафарзода, таҳқиқи равишҳои таълиф ва таъйини арзишҳои ҳунарию адабии осори шоирони алоҳида метавон мавриди истифода қарор дод.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин дар 5 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Ҳамзаев, М. Шоирро аз дунёи шеър бояд ҷуст [Матн] / М. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.

– Душанбе, 2016. – №4/4 (206). – С. 274-278.

[2-М]. Ҳамзаев, М. Мавқеи рубоӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода [Матн] / М. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 266-269.

[3-М]. Ҳамзаев, М. Тарҷумаи бадеӣ ва ҳунари тарҷумонии Ғоиб Сафарзода [Матн] / М. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 238-242.

[4-М]. Ҳамзаев, М. Таҳаввули маснавӣ дар адабиёти муосир [Матн] / М. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №6. – С. 175-181.

[5-М]. Имомзода, М.С., Ҳамзаев, М.Қ. Ғоиб Сафарзода ва матбуот [Матн] / М.С. Имомзода, М.Қ. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 152-157.

Арзишҳои ҳунариву адабӣ, зебоишиносӣ ва дигар вижагиҳои эҷодии Ғоиб Сафарзода барои рушди адабиётшиносӣ мусоидат менамоянд. **Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла таърих, фалсафа, эстетика, забоншиносӣ, рӯзноманигорӣ ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ғоиб Сафарзода ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики нимаи дувуми садаи XX мушаххас мешавад.

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландаровичро дар мавзуи **“Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри хх (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)”** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 11 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №11 аз 07.05.2024.

Номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи назария ва
адабиёти навини форсии тоҷикӣ Муҳаммадизода Қ.М.

Котиби илмӣ,
номзади илми филология Бобомаллаев И.Ч.

Имзоҳои Муҳаммадизода Қ.М. ва
Бобомаллаев И.Ч.-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
10 майи соли 2024